Руқия (-и ғайри шаръӣ), тумор ва тивала (барои муҳаббат андохтан дар қалби яке аз ҳамсарон барои дуст доштани ҷониби дигар) ширк аст

Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегуфт: "Руқия (-и ғайри шаръӣ), тумор ва тивала (барои муҳаббат андохтан дар қалби яке аз ҳамсарон барои дуст доштани ҷониби дигар) ширк аст".

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود وابن ماجه وأحمد]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) амалҳоеро, ки анҷом додани онҳо ширк аст, баён фармуданд, аз ҷумла: Аввал: Руқия (-и ғайри шаръӣ), яъне суханоне, ки дар он ширк аст ва аҳли ҷоҳилият онро ба хотири шифо ёфтан мехонданд. Дуввум: Тумор, яъне мӯҳра ва дигар чизҳое, ки барои дафъи чашм дар тани кӯдакон ва ҳайвонот меовезанд. Севум: Тивала, ки барои муҳаббат андохтан ва дӯст доштани яке аз ҳамсарон барои дигаре сохта мешавад. Амалҳои мазкур аз ҷумлаи ширкиёт ҳастанд, зеро инҷо ба вуҷӯд овардани сабаб аст, ки на ба далели шаръӣ собит аст ва на бо сабаби ҳиссӣ, ки таҷриба онро собит кунад. Аммо дар мавриди сабабҳои шаръӣ, монанди Қуръон хондан ё сабабҳои ҳиссӣ, монанди доруҳое ки бо таҷриба ва озмоиш собит шудааст, ба шарти танҳо як сабаб донистани он ва инки нафъ ва зарар ба дасти Аллоҳ аст, ҷоиз аст.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5273